# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мираксода Фаридун Юсуфи "Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти бузургеро доро мебошад, то ба яке аз марказҳои туризми ҷаҳонӣ мубаддал гардад. Тоҷикистон кишвари нодири дорои минтақаҳои гуногуни иқлимӣ, ҳудудҳои муҳимми фарҳангию таърихӣ ва табиӣ мебошад. Яқин аст, ки ин соҳа дар даврони истиқлолият ба маротиб рушд намудааст ва омӯхтани паҳлуҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ дар самти илм ва анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ доир ба ин самт барои рушди соҳа ва инкишофи иқтисодиёти кишвар мусоидат хоҳад кард.

Таҳқиқи мавзӯе, ки аз ҷониби Мираксода Ф.Ю. баррасӣ гардидааст, дар партави эълон гардидани солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" хеле муҳим ва саривақтист.

Диссертатсияи Мираксода Ф. аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки мубрамияти мавзӯъ, арзиши илмии мавзӯи тадқиқотро ба таври боварибахш асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъро нишон диҳад, ҳадафу мақсади тадқиқоти худро бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас намояд, пояи сарчашмавии тадқиқотро нишон дода, асосҳои методологӣ, назариявии рисола, объект, предмети тадқиқот, ҳудуди хронологии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшударо мушаххас, аҳамият ва арзиши илмӣ, амалии таҳқиқоти худро асоснок намояд.

Боби якуми диссертатсияро муаллиф "**Заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**" ном гузошта,

онро ба се зербоб ҷудо намудааст.

Дар зербоби якум **“Мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ҳамчун ҷозибаи сайёҳии Тоҷикистон”** муаллиф зимни таҳияи ин зербоб ҷойгоҳи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои таъриху тамаддуни бостонӣ бо назардошти табиати зебо, мавзеъҳои зиёди таърихӣ ва урфу анъанаҳои бой доштанаш дар рушди туризм муҳим арзёбӣ менамояд. Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар зербоби мазкур ҷозибаҳои сайёҳии Тоҷикистонро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намояд: 1. Ҷозибаҳои табиӣ – обу ҳаво, манзараҳои зебои табиат, кӯҳу ҷангалҳо, олами ҳайвоноту набобот. 2. Ҷозибаҳои таърихӣ – ёдгориҳои шаҳри Саразм, Қалъаи Ҳулбук, Қалъаи Ҳисор, Мадрасаи Ойим, муҷассамаи Буддо. 3. Ҷозибаҳои мероси ғайримоддӣ – ҳунармандӣ, урфу одат, анъанаҳо, мусиқии фолклорӣ ва ғ. 4. Ҷозибаҳои сунъӣ, ки маҳсули таъриху фарҳанг, ҳунару тахайюлоти инсон мебошанд - боғҳои хос – боғи Ирам, боғи ҳайвонот, маҷмӯаҳои фарҳангию фароғатӣ, 5. Ҷозибаҳои дунёи нав – Парчами давлатӣ, Боғи Ирам, гулгашту хиёбонҳо ва ғ. Илова бар ин, муаллиф дар зербоби мазкур ҷозибаҳои сайёҳии ҳар як минтақаи Тоҷикистонро нишон дода, зербобро бо хулосаи илмӣ ва тавсияҳои муфид анҷом додааст.

Дар зербоби дуюм “**Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти туризм: фароҳам овардани шароити сиёсӣ ва базаи ҳуқуқӣ”** муаллиф мавқеи сиёсии Тоҷикистонро дар самти туризм баррасӣ намудааст. Дар навбати аввал муаллиф доир ба сиёсати давлатии туризм дар даврони Шӯравӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо далелҳои муътамад қайд менамояд, ки фаъолияти сиёсати туристӣ дар Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ хело маҳдуд буда, барои муаррифии таъриху тамаддуди тоҷик ба хориҷиён монеаҳо эҷод менамуд ва барномаҳои давлатие, ки дар ин давра доир ба туризм тасдиқ шуда буданд, ҳатто фаъолият накардаанд. Ҳамчунин, дар зербоби мазкур муаллиф доир ба рушди низоми ҳуқуқӣ ва сиёсии соҳаи

сайёҳӣ дар даврони истиқлолият маълумот дода, натиҷаҳои рушди онро ба фарогирии марҳилаҳои гуногун нишон додааст. Дар ин самт қайд менамояд, ки соҳаи сайёҳӣ танҳо дар даврони истиқлолият рушд намуда, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ зери таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар қарор гирифтааст. Тибқи таҳлилҳои диссертатсионии муаллиф аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба низоми ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ аҳамияти хосса дода шуда, маҳз дар натиҷаи мустаҳкам гардидади сиёсати ҳуқуқии соҳа он ба сатҳи баланди хизматрасонии байналмилалӣ расидааст.

Дар зербоби сеюми боби аввал **“Ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ ба соҳаи туризм”** ном гузошта, дар он масъалаи ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти сайёҳӣ дар Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

Ибтидо муаллиф таваҷҷуҳи олимони соҳаро доир ба омӯзиши масъалаҳои туризми иқтисодӣ дар Тоҷикистон ба инобат гирифта, осори илмии онҳоро дар ин самт мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор додааст. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ муаллиф қайд менамояд, ки дар Тоҷикистон оид ба масъалаҳои умдаи пайомадҳои иқтисодии фаъолияти сайёҳӣ барои кишвари алоҳида, аз ҷумла Тоҷикистон, ҷанбаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳии кишвар таҳқиқоти алоҳида ва назарраси илмӣ анҷом дода нашудаанд ва чунин вазъияти зарурати асосноксозии илмии масъалаи мавриди назарро беш аз пеш ногузир месозад. Инчунин, дар ин қисмат муаллиф кӯшидааст, ки иқтисодиёти туристии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, вижагиҳои хосси ин соҳа ва таъсири он дар рушди умумии кишварро таҳқиқ кунад. Диссертант пас аз баррасии амиқ тавсияҳои муаллифии худро ҷиҳати пешрафти соҳа баён кардааст. Аз ҷумла, ӯ таъсис додани Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии туризм-ниҳоди комилан мустақил, пажӯҳишӣ, салоҳиятдор ва таҳрикбахши соҳа, ҷалби коршиносон ва мутахассисони баландпояро ҷиҳати таҳия ва чоп намудани қомуси миллии сайёҳӣ зарур шуморидааст.

Боби дуюми диссертатсияро муаллиф **“Динамикаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 1991–2006**” ном ниҳода, онро ба ду зербоб ҷудо намудааст.

Дар зербоби авввали боби дуюм **“Таърихи бунёди ниҳоди дахлдор дар соҳаи туризм ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он”** муаллиф вазъи соҳаи сайёҳӣ, таъсиси ниҳоди дахлдор дар ин самт ва вазифаҳои он, инчунин ташаккулёбии ин соҳаро то соли 2006 мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф зимни таҳияи ин зербоб бо истифода аз асноду омори зиёди расмӣ майян намудааст, ки рушди туризм дар Тоҷикистон то солҳои 1995-1996-уми асри гузашта, яъне дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар номуназзам ва камсамар буд. Вале таҳлилҳои илмии муаллиф нишон медиҳад, ки танҳо пас аз ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар сайёҳӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, маҳз бо ташкили ширкати миллии “Сайёҳ” ва дигар ниҳодҳои дахлдор ташаккул ёфтааст.

Илова бар ин, муаллиф дар зербоби мазкур феҳристи ташрифи сайёҳон ба Тоҷикистонро дар солҳои 1996-2016 тартиб дода, онро бо хулосаи илмӣ ҷамъбаст намудааст.

Дар зербоби дуюм “**Экотуризм дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он**» муаллиф доир ба ҳолат ва мавқеи туризми экологӣ дар Тоҷикистон маълумот дода, онро мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Дар ибтидо диссертатнт доир ба мавзеъҳои табиӣ-туристии Тоҷикистон, махсусан, мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳо ва боғи миллӣ маълумот дода, бо таҳлилҳои илмӣ муайян намудааст, ки асоси рушди туризмро дар кишвари мо мавзеъҳои табиӣ-туристӣ ташкил мекунанд. Илова бар ин, диссертант қайд менамояд, ки туризми экологӣ яке аз омилҳои рушди иқтисодиёти кишварҳо ба шумор рафта, дар баробари муҳайё намудани шароити мусоид дар ин самт метавон иқтисодиёти Тоҷикистонро чанд маротиба афзун намуд. Ҳамчунин, муаллиф қайд

менамояд, ки пеш аз ҳама, зарур аст, ки барои ривоҷи бештари сайёҳии экологӣ манбаъҳои табиии онҳоро ривоҷ дода, тавассути афзун намудани мамнуъгоҳҳо ҳайвоноти нодир ва боғҳои бузурги ботаникӣ набототи нодир ва беназирро парвариш дод.

Боби сеюми диссертатсия "**Туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016 ва дурнамои рушди он**" ном дорад ва он се боб ҷудо иборат аст.

Дар зербоби якум "**Туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо**» муҳимтарин омилҳои рушди туризми дохилӣ баррасӣ шудаанд. Дар оғоз диссертант доир ба таърихи омӯзиши тавсеаи туризми дохилии кишварҳои гуногун ва, ҳамчунин, доир ба омӯзиши мавзӯи иқтидор ва инкишофи туризм дар манотиқи алоҳидаи Тоҷикистон маълумоти мухтасар додааст. Вале муаллиф дар натиҷаи таҳлили таълифоти олимони ватанӣ доир ба туризми дохилӣ қайд менамояд, ки дар Тоҷикистон оид ба масъалаҳои умдаи паёмадҳои рушд ва дурнамои туризми дохилӣ ҳанӯз таҳқиқоти алоҳида ва назарраси илмӣ анҷом дода нашудаанд ва чунин вазъият зарурати асосноксозии илмии масъалаи мавриди назарро беш аз пеш талаб менамояд. Илова бар ин, дар зербоби мазкур доир ба аҳамияти туристии тамоми мавзеъҳои сайёҳии кишвар, ба хусус ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон маълумот дода шуда, муаллиф қайд менамояд, ки дар баробари ҳарчи бештару хубтар ҳифзу барқарорсозӣ ва тарғиб намудани мавзеъҳои таърихии минтақаҳои Тоҷикистон боиси инкишофи бештари туризми дохилӣ хоҳад буд.

Зербоби дуюм боби сеюм "**Рушду тавсеаи туризми табобатӣ дар Тоҷикистон"** фарогири масъалаҳои захираҳои табиии сайёҳӣ мебошад. Муаллиф дар муқоиса бо таълифоти олимони хориҷӣ ва ватанӣ доир ба омӯзиши масъалаҳои муҳимми рушди туризми табобатӣ назар андӯхта, қайд менамояд, ки оид ба ин масъала то ҳол дар Тоҷикистон таҳқиқоти алоҳида ва назарраси илмӣ анҷом дода нашудааст ва дар ин васила

метавон таваҷҷуҳи олимонро доир ба асосноксозии илмии захираҳои бузурги табобатии кишвар ҷалб намуд, то ки ин иқтидори бузургро тавонем барои рушди туризми кишвар истифода намоем. Ҳамчунин, диссертант тавонистааст дар зербоби мазкур доир ба чашмаву обҳои шифобахши кишвар, таркиби кимёвӣ ва хусусиятҳои табобатии онҳо маълумоти боарзиш диҳад ва муайян намудааст, ки дар Тоҷикистон беш аз 200 адад чашмаҳои маъданӣ ва табобатӣ мавҷуд аст, ки аксари он дар Бадахшон қарор доранд. Дар зербоби мазкур муаллиф хулоса мекунад, ки дар муаррифии кишвари мо низ нақши саёҳати (туризми) табобатӣ ниҳоят бориз буда, имрӯз дар ҷаҳони мутамаддин як қатор кишварҳо тавассути минтақаҳои шифобахшашон маъруфият доранд. Аз чашмандози дигар, бо роҳи таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки ҷалби сармояи хориҷӣ ба туризми табобатӣ аз ҳар навъи дигари сайёҳӣ бештар хоҳад буд, метавон, ки рушди бештари соҳаи мазкурро таъмин намуд.

Зербоби сеюми боби сеюми диссертатсия “**Шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон**” унвон дошта, дар он масъалаҳои бавуқӯъомадаи соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2007-2016 мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Ба ҳайси узвияти вобастаи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ эътироф гардидани Тоҷикистон (27.11.2007) на танҳо раванди ташаккулёбии соҳа, балки ҷараёни шаклгирии сохтори идоракунии сайёҳиро дар кишвари мо такон бахшид ва ҷиҳати рушди минбаъда боз як марҳилаи сифатан нави рушдро бозгӯ намуд.

Дар зербоби мазкур нақш ва дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушд ва дурнамои соҳа мавриди таҳқиқ қарор гирифта, инчунин, нишондиҳандаҳои омории соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2007-2016 низ оварда шудааст. Аз ҷумла, дастгириҳои пайдарпайи Ҳукумати кишвар бо қабули барномаҳои давлатӣ, консепсия ва дигар қарорҳои дахлдор нисбат ба ин самт ва ташаббусҳои бевосиати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушд ва дурнамои туризми байналмилалӣ дар кишвар мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Дар хулоса муаллиф аз пажӯҳиши анҷомдодаи худ натиҷагирӣ намуда, бо чанд пешниҳодҳои ҷолиб ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо кори хешро ҷамъбаст намудааст.

Тақризи мазкурро ҷамъбаст намуда, бо боварии комил метавон гуфт, ки диссертатсияи Мираквода Ф.Ю. таҳқиқоти илмии том ва анҷомёфта мебошад.

Диссертатсияро метавонанд дар навиштани асарҳои ҷамъбастӣ доир ба таърихи навини ватанӣ, таърихи сайёҳӣ ва таърихи фарҳанг истифода баранд.

Мазмуни рисола пурра дар мақолаҳои чопшудаи аспирант инъикос ёфтаанд. Автореферат ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.

Дар баробари ин, ҳамчун муқарризи расмӣ якчанд эродҳои худро, ки дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ ба миён омаданд, бояд баён намоям, ки инҳоянд:

1. Дар диссертатсия доир ба ҷозибаҳои сайёҳӣ маълумоти ҷолиб оварда шудааст. Вале хуб мешуд, агар муаллиф феҳристи онро вобаста ба минтақаҳои Тоҷикистон тартиб медод.
2. Дар зербоби якуми боби сеюм муаллиф доир ба ёдгориҳои таърихии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, алалхусус катибаҳо ҳамчун иқтидорҳои туристӣ маълумот додааст, вале доир ба петроглифҳои онҷо ягон маълумоте наовардааст. Ҳол он ки дар Мастчоҳ петроглифҳо хело зиёд мебошанд.
3. Дар диссертасия ҳамкории сохторҳои давлатии туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои туристии кишварҳои хориҷӣ нокифоя инъикос ёфтааст.
4. Дар рисола баъзан хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешавад.

Новобаста аз вуҷуд доштани камбудиҳои ҷузъӣ, ки аҳамияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд, он кори пухтаву мукаммал буда, бар асоси меъёру муқаррароти таъиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 – и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Мираксода Ф.Ю. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Набиев Ваҳоб Машрафович**

**Имзои В.М. Набиевро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Ашрапова З.Н.**

**Нишонӣ:**
735700 гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
Тел.: (+992-93] 503-52-73
(+992-92) 803-00-01
E-mail: v.m.nabiev@mail.ru